# ТАҚРИЗ
# БА АВТОРЕФЕРАТИ ДИССЕРТАТСИЯИ ОДИНАЗОДА САФАРАЛӢ ПУЛОДХОН ДАР МАВЗӮИ “ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ БАХШИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”, БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 08.00.07 – МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛ ВА ҚАРЗ

Идоракунии бахши бонкӣ аз суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар вобастагӣ дорад. Қабул намудани қарорҳои дуруст дар ин соҳа метавонад ба беҳбудии вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат кунад. Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши бонкӣ нақши муҳимро мебозад, зеро бонкҳо ба бахшҳои мухталиф, аз ҷумла кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёнаро метавонанд маблағгузорӣ намоянд. Аз ин рӯ, муҳимияти мавзӯъ дар он асос меёбад, ки бо баланд бардоштани самаранокии ин бахш метавон рушди устувори иқтисодиро таъмин намуд. Тадқиқоти механизмҳои такмили идораи давлатӣ метавонад барои ислоҳоти низоми бонкӣ ва рафъи камбудиҳои мавҷуда кумак расонад. Ин бошад барои беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ ва баланд бардоштани эътимоднокии сармоягузорон ва мизоҷон мусоидат намояд. Идоракунии хуби давлатӣ метавонад барои пешгирӣ ва идоракунии хавфҳои молиявӣ, ки барои таъмини устувории тамоми бахши молиявӣ муҳим мебошад, кӯмак расонад. Инро махсусан дар шароити муосири иқтисодии ҷаҳонӣ муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст. Такмилдиҳии идоракунии давлатӣ метавонад ба дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба захираҳои молиявӣ мусоидат намояд, ки ин дар навбати худ барои кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар зарур аст.

Мавзӯи мазкурро аз нуқтаи назари илмӣ низ муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст, зеро он метавонад адабиёти мавҷударо оид ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ ғанӣ гардонад ва инчунин тавсияҳои заруриро доир ба тақвияти бахши бонкӣ пешниҳод намояд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзӯи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ муҳим аст, зеро натиҷаҳои он метавонад барои беҳтар шудани низоми молиявӣ ва суботи иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, автореферати мазкур дорои баъзе аз норасоиҳо мебошад, аз ҷумла:

1. Ба ҳолати кунунӣ ва омилҳое, ки ба рушд намудани ин бахш дар ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, диққати махсус зоҳир нагардидааст;

2. Дар автореферат расми 4, пурра шарҳ дода нашудааст;

Дар умум эродҳои мазкур хусияти тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мавзӯи пайгиршаванда дар оянда метавонад мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯйи ихтисоси и 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз мебошад.

**Муқарриз**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**Сардори Шӯъбаи амалиётии**
**ҶСП "Спитамен Бонк"** **Боймуродов Ҷ.Ҷ.**

**Суроға: 734064, ш. Душанбе,**
**кӯчаи Б.Ғафуров 45.**
**Телефон: (+992) 44 640 65 65.**
**Почтаи Элетронӣ: info@spitamen.com**
**Сомона: www.spitamenbank.tj**

**Имзои Боймуродов Ҷ.Ҷ. – ро тасдиқ менамоям**
**Сардори Департаменти кадрҳои**
**ҶСП "Спитамен Бонк"** **Мирзоева Л.С.**